# Варақаи иттилоотии
# Авфи Байналмилал

То соати 0001 GMT, 12 июли 2012 интишор нагардад
Индекси АБ: PRE01/330/2012

## Тоҷикистон: бе волоияти қонун шиканҷа бетафтиш мемонад

*Корманди милитсия ба ман гуфт: «агар мо туро кушем, мурдаатро ба ҷуй мепартоем ва ҳеҷ кас онро намеёбад ва моро касе ҷазо намедиҳад»*

Қурбонии шиканҷа 2012

Шиканҷа, лату куб ва намудҳои дигари бадрафторӣ дар тавқифгоҳҳои Тоҷикистон ба ҳодисаи муқаррарӣ табдил ёфта, дар муҳити фарогири фасод ва бемасъулиятӣ рушд намудаанд, изҳор намуд Авфи Байналмилал дар гузорише, ки мақомоти кишварро ба пурра маҳкум намудан ва барҳам додани амалияи шиканҷа даъват намудааст.

*Зиндагии тахрибшуда: шиканҷа ва дигар намудҳои бадрафторӣ дар Тоҷикистон* хавфу хатареро, ки мардум дар давраи аввали дастгиршавӣ рубару мешаванд, тафтишоти номукаммали иддаои шиканҷа ва аз тарафи мақомоти кишвар ба ҷавобгарӣ накашидани шахсони гунаҳкорро тасвир мекунад.

«Тарзҳои шиканҷа, ки аз ҷониби мақомоти амниятӣ истифода мешаванд, такондиҳандаанд: истифодаи зарбаи барқ, оби ҷуш, хафасозӣ, лату куб, бо тамоку сухтан, таҷовуз ба номус ва таҳдиди таҷовуз – роҳи ягонаи халосӣ ин иқрор шудан ва баъзан додани пора аст», гуфт Рейчел Баглер, коршиноси Авфи Байналмилал оид ба Тоҷикистон.

«Дар натиҷаи чунин муносибат ҷабрдидагон на танҳо аз ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ба монанди пардаҳои кафидаи гуш, дандонҳои шикаста, ҷоғҳои беҷошуда, балки ҳамчунин аз оқибатҳои ин ҷароҳатҳо, ба монанди депрессия, бехобӣ ва хобҳои бад дидан азоб мекашанд. Ин бадрафторӣ ба  зиндагии онҳо ва аҳли оилаи онҳо таъсири амиқ мегузорад».

«Аксар вақт ин гуна муносибат ба марги дастгиршудагон дар тавқифгоҳҳо сабаб шуда, ин парвандаҳо ба таври дахлдор тафтиш намешаванд ва гунаҳкорон бе ҷазои муносиб мемонанд».

Чун шиканҷа ҳамчун ҷиноят ба наздикӣ ба кодекси ҷиноятӣ ворид карда шуд, омори расмӣ ҷиддияти масъаларо инъикос намекунад. Аз тарс дар хусуси шиканҷа ошкоро сухан накардани қурбониёни шиканҷа ва аҳли оилаи онҳо, ҳамчунин мавриди тарсу ҳароси намояндагони мақомот қарор гирифтани онҳое, ки ошкоро сухан кардаанд, ин масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Дар Тоҷикистон ҳар гуна шахс метавонад мавриди шиканҷа қарор гирад, вале гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, ба монанди камбизоатҳо, ки эҳтимолияти шикоят карданашон хеле кам аст, махсусан зери хавфанд.

Дар Тоҷикистон барои афсарони милитсия аксаран ҳавасмандиҳои содир кардани шиканҷа ва дигар бадрафторӣ аз омилҳои монеъкунандаи он бештаранд. Ба бисёр намояндагони мақомоти интизомӣ, ба таври ғайрирасмӣ, аз рӯи шумораи ҷиноятҳои кушодаи онҳо баҳо дода мешавад.

Сӯиистифодаи кормандони милитсия аз вазифа ва фасод аксаран дар радифи якдигар меистанд. Рузноманигори маҳаллӣ ба Авфи Байналмилал изҳор намуд: «шиканҷа воситаи даромад аст.

Кормандони милитсия шахсро дастгир, шиканҷа ва айбдор намуда, баъд харида шудани онҳоро пешниҳод мекунанд».

Ҳуқуқи инсон дар рафти ҷустуҷӯи гурӯҳҳое, ки ҳамчун хатар ба амнияти миллӣ дониста мешаванд, нақз мегарданд ва ҳаракату гурӯҳҳо ва аҳзоби исломӣ, хусусан осебпазири шиканҷа ва дигар бадрафторианд.

Онҳое, ки аз кишварҳои дигар зуран ба Тоҷикистон оварда ва ё истирдод шудаанд, баъди бозгашт мавриди шиканҷа ва дигар намудҳои бадрафторӣ қарор мегиранд.

Рузноманигорони мустақил барои гузориш додан оиди иддаои шиканҷа ва дигар намудҳои бадрафторӣ аксаран аз тарафи мақомоти амниятӣ тарсонида мешаванд.

«Мансабдорони воломақоми давлатӣ аксар вақт ба муҳофизати ҳуқуқи инсон, ба волоияти қонун ва тартибот қоил будани худро эълон медоранд, аммо ба воқеият нигарем, ин суханон хушку холӣ ба назар мерасанд», гуфт Рейчел Баглер.

Кафолатҳои зидди шиканҷа дар аксар ҳолатҳо амалан иҷро намешаванд – дастгиршудагонро дар давоми пурсишҳои ибтидоӣ, ки аксаран бе ҳимоятгар гузаронида мешаванд, мунтазам бидуни васоити иртибот нигоҳ медоранд.

Низоми боварииноки муоинаи тиббии мустақили иддаои шиканҷа вуҷуд надорад: судяҳо дар мурофиаи судӣ мунтазам арзу шикояти шиканҷаро сарфи назар мекунанд ва маълумоти дар натиҷаи шиканҷа ба даст овардашуда дар мурофиаи дастгиршудагон ҳамчун далел қабул карда мешавад.

«Бе ҷазо мондани гунаҳкорони шиканҷа ва дигар намудҳои бадрафторӣ хеле вақт боз ба ҳукми қоида даромадааст. Ин ҳолат то давраи барҳам додани тавофуқи ниҳодие, ки ба ин ҳуқуқвайронкунӣ имконият медиҳад, давом хоҳад кард. Мавҷудияти ниҳоди мустақиле, ки ба амалҳои мақомоти амниятӣ ҳамчун бозрас ва мувозинат расидагӣ карда тавонад, фавран зарур аст», гуфт Баглер.

«Дар лаҳзаи дастгиркунӣ ба дастгиршудагон фаҳмонидани ҳуқуқи онҳо, ба ахли оилаи онҳо хабар додан, бо ҳимоятгар тамос гирифтан ва ба таври дахлдор ба расмият даровардани дастгиркунӣ кафолатҳои асосии зидди шиканҷа ва дигар намудҳои бадрафториро дар давраи боздошт таъмин карда метавонанд».

«Инҳо қадамҳоеанд, ки Тоҷикистонро ба волоияти қонун ва иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ наздиктар меоранд. Онҳо ҳамчунин барои мустаҳкам намудани боварии мардум ба мақомоти интизомӣ, ки бояд дар хизмати халқ бошанд, кумак мерасонанд».

Ҳамчунин нигаред ба:

*НА АДОЛАТИ СУДӢ ВА НА ҲИМОЯТ: ШИКАНҶА ВА ДИГАР НАМУДҲОИ БАДРАФТОРӢ АЗ ТАРАФИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ИНТИЗОМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН*